**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи (734067, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14)**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати Амонова Дилором Абдувахидовна дар мавзуи **“Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”,** ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.

Идоракунии молияи давлатӣ барои татбиқи сиёсатҳое, ки ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунанд, аҳамияти ҳалкунанда дорад. Вобаста ба ин оқилона ва самаранок идора кардани молияи давлатӣ аҳамияти хеле калон дорад. Ҳамзамон бояд қайд кард, ки дар раванди босуръати ҷаҳонишавӣ самаранок идора намудани молияи давлатӣ барои ҳамаи мамлакатҳо аз нуқтаи назари таъмини устувории низомҳои миллии буҷетӣ ва инчунин, амнияти умумии молиявӣ ва рушди устувори иқтисодӣ аҳамияти бунёдиро доро мебошад.

Вобаста ба ин дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 зарурати гузариш ба усулҳои инноватсионии идоракунӣ ва иқтисоди гуногунсоҳа дар асоси рушди бахши хусусӣ ва сармоягузорӣ дарҷ шудааст. Инчунин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии ҷумҳурӣ” аз 26 декабри соли 2018 таъкид намуданд, ки стратегияи идоракунии молияи давлатӣ бо дарназардошти афзалиятҳои кишвар, иҷрои сифатноки қисми даромад ва хароҷоти буҷет, шаффофияти хароҷоти он, инчунин, пешниҳоди нақшаҳои дурнамои ислоҳот дар ин самтҳо татбиқ карда шавад. Ҳамаи таснифот ва далелҳои зикршуда мубрамият ва аҳамияти назариявию амалии таҳқиқотро инъикос менамояд. Муаллиф дар автореферат дуруст қайд менамояд, ки низоми идоракунии молиявӣ имрӯз як раванди мураккаби ҳамоҳангии фаъолияти ташкилотҳои молиявии кишвар ба ҳисоб меравад, ки барои таъмини суботи молиявӣ, устувории низоми молияи давлатӣ, танзими қарзи давлатӣ, устувории асъори миллӣ ва дар маҷмуъ таъмини дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ равона шудааст.

Дар қатори бартариятҳои дар автореферат ҷойдошта баъзе тавсияҳо ва пешниҳодҳо карда мешавад, ки ба манфиати кор аст:

1. Дар автореферат муаллиф элементҳои арзандаро барои рушди низоми молиявии давлатӣ ва иқдисоди миллӣ аз таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ, барои татбиқ дар шароити Тоҷикистон таҳлил ва пешниҳод кардааст, вале хуб мешуд, ки мушаххас қайд мекард, ки таҷрибаи кадом давлат дар шароти Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст.

2. Дар автореферат хатогиҳои истилоҳӣ, имлоӣ ва техники мушоҳида мешаванд.

Пешниҳодҳои баррасигардида хусусияти тавсиявӣ дошта мазмуни авторефератро коста намегардонад. Дар маҷмӯъ кори илмии таҳқиқшаванда мустақилона буда, ба пурраги анҷомёфта мебошад ва навгониҳои илмӣ-амалиро дар худ инъикос менамояд.

Умуман автореферати диссертатсия дар мавзуи **"Роҳҳои мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон",** аз руи натиҷаҳои илмии худ ба бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 6D050900- Молия (6D050901- Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) мувофиқат мекунад ва муаллифи он Амонова Дилором Абдувахидовна арзандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), мебошад.

**Тақриздиҳанда**
номзазади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи "Молия ва қарз"-и
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Миразизов А.Ҳ.

Имзои н.и.и., дотсент Миразизов А.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори шӯъбаи кадрҳои
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон Рахимов А.А.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: 734000, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. М. Турсунзода, 30
телефон (992) 37 221-35-50
Факс (992) 37 221-35-50
Эл. почта rektora@mail.ru
Сомона https//www.rtsu.tj.ru